**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, бинои асосӣ, ошёнаи 4, толори диссертатсионӣ, почтаи электронӣ: 6D.КОА-012@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 2348434)**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич ба диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович дар мавзуи “Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.**

Диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович дар мавзуи “Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар доираи Шиносномаи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, бандҳои 8.1 – Рушди назария ва методи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 8.4- Пешгӯйкунии тағйиротҳои сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; 8.6-Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; миқёси фаъолият; намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.); 8.8-Танзими давлатӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 88.11-

Нақшагирии стратегӣ ва пешгӯйкунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ; 8.15 – Ташаккул ва рушди фазои фаъолияти соҳибкорӣ; 8.18. – Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ ва 8.21. – Соҳибкории инноватсионӣ ва рушди он дар соҳаҳои иқтисодиёт мувофиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Иқтисоди бозаргонӣ муносибатҳои сифатан ва мазмунан нави иқтисодию ҳуқуқиро ба вуҷуд овард, ки ба сохти хоҷагидории мамлакат дахл доранд. Имрӯз симои асосӣ ва пешбарандаи низоми хоҷагидорӣ соҳибкорӣ башумор меравад. Муайян кардани мавқеъ ва нақши фазои мусоиди соҳибкорон дар муносибатҳои иқтисодӣ-ҳуқуқӣ, вазъи ҳуқуқии корхонаҳои тиҷоратӣ, маҷмӯи ҳуқуқҳои молу мулки соҳибкорон ва даҳҳо мавзӯъҳо аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ доранд. Омӯзиш таҳлил ва натиҷагирӣ аз раванди амалӣ шудани фазои мусоиди соҳибкорӣ барои ба самти муайян равона шудани фаъолияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калонро соҳиб аст.

Дар баромади Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 28 декабри соли 2023 чунин қайд намудаанд: “...дар бораи самтҳои асосии дурнамои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” чунин иброз карда шудааст: “Тибқи «Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030» бинобар он аз соли 2007 инҷониб дар мамлакат бо иштироки соҳибкорону сармоягузорони ватаниву хориҷӣ, шарикони рушд ва институтҳои молиявии ҷаҳонӣ, инчунин ҷомеаи шаҳрвандӣ-шурои машваратӣ оид ба беҳтарсозии фазои мусоиди соҳибкорӣ самаранок фаъолият дорад..

Муаллиф қайд менамояд, ки маҳз соҳибкорӣ ба рушди ҳамаи бахшҳои фаъолияти иқтисодӣ мусоидат ва суботи низоми иқтисодии мамлакатро таъмин менамояд, инчунин дар ҳалли масъалаҳои қонеъсозии талаботи ҷомеа бо молу хизматрасониҳои гуногун, таъсиси ҷойҳои корӣ ва

дар ин замина болоравии сатҳи некуаҳволии мардум дар ҷомеа боис мегардад. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки як қатор хизматрасониҳо ва уҳдадориҳои иҷтимоӣ бар души соҳибкорон вогузор гардида, давлат сарчашмаҳои нави даромади буҷетиро пайдо намояд.

Дар тадқиқоти илмии пешниҳодшуда қайд карда шудааст, ки бо вуҷуди дастоварду пешравиҳои ноилшуда ва таҳлилҳои гузаронидашуда, омили мазкур ҳоло ҳам ба талаботи муосири фаъолият ва рушди соҳибкорӣ дар мамлакат қонеъкунанда намебошад. Бинобар он, дар баҳодиҳиҳо ва радабандиҳои байналмилалӣ, аз ҷумла доир ба фазои соҳибкорию сармоягузорӣ мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳи як қатор кишварҳои пешрафта поён қарор дошта, андешидани тадбирҳои мушаххасро талаб менамояд.

Ҳамин тавр, мавҷуд набудани механизми мониторинги фазои фаъолияти соҳибкорӣ, ки ҳамаи тағйироту омилҳои алоҳидаро баҳодиҳӣ намуда, самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии соҳаро баҳри рушд ва ташаккули фазои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, муқаррар карда шудааст. Ҳамаи ин гуфтаҳо мубрамии мавзуи диссертатсиониро собит менамоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст**

Навгонии илмии таҳқиқот ҳалли масъалаҳои илмӣ, методӣ ва амалии ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифта, дар натиҷа мушкилотҳои мавҷуда мушаххас карда шудааст, ки барои мукаммалсозӣ ва бартарисозии монеаҳои рушди соҳибкорӣ дар мамлакат мусоидат менамоянд. Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб меравbooand:

1. Ҷиҳатҳои назариявӣ ва методии омухта шудани нақш ва аҳаммияти фазои мусоиди соҳибкорӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ ҳамчун як омили

калидии рушди иқтисоди миллӣ, инчунин аҳаммияти фазои мусоид ва ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити низоми нави муносибатҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

2. Таҷрибаи ташаккул ва рушди соҳибкорӣ ва шароитҳои мавҷуда барои пешрафти фаъолияти бахши хусусӣ дар мамлакат дида баромада шуда, истифода аз усулҳои таҳлили динамикӣ ва муқоисавӣ, равандҳои рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои гузариш ба иқтисоди бозорӣ баррасӣ шуда, омилҳои калидӣ, иқтисодӣ ва нақши давлату Ҳукумат дар дастгирии бахши хусусӣ баҳодиҳӣ шудаанд.

3. Хусусиятҳои гузариш аз миқдор ба сифат, инчунин, баррасиҳои назариявӣ ва амалӣ, зарурияти такмили механизми ҳамкорҳои муассисаҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ барои пешрафт ва ташаккули фазои соҳибкорӣ зикр гардидааст истифода аз таҳлилҳо гузаронида шуда, тавсияҳо ва пешниҳодҳо ба таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ, коҳиши монеаҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии соҳибкорӣ равона шудаанд.

4. Заминаҳои рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон хамчун самтҳои афзалиятноки асоснок ба хисоб рафта, истифода аз усулҳои таҳлили стратегӣ, моделсозии иқтисодӣ ва таҷрибаи муваффақи байналмилалӣ, омилҳои дохилӣ ва берунае, ки бештар ба рушди соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, муайян ва дараҷабандӣ шудаанд, муайян карда шудаанд.

**Сохтор ва мундариҷаи кор**

Мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба мақсад ва вазифаҳое, ки муаллиф дар доираи таҳқиқоти илмиаш муайян кардааст, мувофиқат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои коркарднамудаи муаллиф аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда ва дақиқ мебошанд, зеро онҳо ба асосҳои методологӣ, назариявӣ ва маълумот дар бораи робитаи фароҳамсозии фазои мусоиди

соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ дар шароити низоми иқтисодии такя менамоянд.

Диссертатсияи мазкур яке аз таҳқиқотҳои илмии нахустин буда, дар сатҳи рушди соҳибкорию самоягузорӣ дар иқтисоди дилхоҳи мамлакат, хусусан дар низоми иқтисодии ноустувор ба вазъи фазои соҳибкорӣ вобастагии мустақим дошта, фаро гирифтааст.

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт аз 201 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 181 саҳифа дарҷ гардида, 19 расм, 19 ҷадвал ва 13 диаграммаро дар бар мегирад.

**Дар муқаддимаи рисола** бамавридии мавзуи таҳқиқшаванда заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва таҷрибавӣ, мавзуъ ва объекти омӯзиш, усулҳои таҳқиқот, навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, саҳми шахсии довталаб оид ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дигар расмиёти муайяншуда ва ҳимояшаванда қайд гардидааст. Ин бахши рисола аз дуруст ба расмиятдарории равандҳо ва марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

**Дар боби якуми диссертатсия** «Асосҳои илмию назариявии ташаккули фазои мусоиди соҳибкорӣ» нақш ва мавқеи соҳибкорӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ; моҳият ва аҳаммияти ташаккули фазои мусоиди соҳибкорӣ; асосҳои методии арзёбии фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар ин бахши рисола муаллиф ба асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ ҳамчунин асарҳои зиёди илмӣ асосҳои илмию назариявии ташаккули фазои мусоиди соҳибкорӣ, нақш ва мавқеи соҳибкорӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ, моҳияти фазои мусоиди соҳибкорӣ ва асосҳои

методии арзёбии фазои мусоиди соҳибкорӣ муайян шударо мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки назарияи рушди соҳибкорӣ дар асоси натиҷагириҳо аз таҷрибаи ҷамъоваришуда, ки дарбаргирифтаи рушди қувваҳои истеҳсолӣ, пайдоиши шаклҳои моликият, муносибатҳои бозорӣ ва мудохилаи давлат дар қонуниятҳои иқтисодӣ мебошад, то андозае такмил ёфтааст ва ин раванд ба пайдоиши консепсияҳои муосири рушди назарияи соҳибкорӣ оварда расонидааст, ҳанӯз кофӣ нест (с.17).

Муаллиф дар давраи сипаришуда дар натиҷаи рушди муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ мафҳуми бозор («маркет», «маркетинг», «мерчендайзинг») ва монанди инҳо пайдо шуда, то ба имрӯз васеъ истифода мегарданд чунин меҳисобад, ки мафҳуми соҳибкорро вобаста ба ташаббускорӣ ва таваккалнокии табиати фаъолияти он, ҳамчун шуғли хусусӣ бо даромади номуайянӣ баҳодиҳӣ карда бошад, аз нигоҳи Адам Смит соҳибкор ҳамчун молики сармоя барои амалисозии дилхоҳ ғояи тиҷоратӣ ва гирифтани фоида ба таваккали иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Дар идомаи таҳқиқот диққати асосӣ ба омӯзиши таҳлили робита ба ин, пешниҳод мегардад, ки фазои соҳибкориву сармоягузории ҳар як минтақаи кишвар дар алоҳидагӣ тавассути таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ, таҳқиқоти сотсиологии пурсиш – анкетаи соҳибкорони алоҳида ва баҳодиҳии коршиносӣ дар ҳар як шаҳру ноҳияҳои мамлакат гузаронида шавад.

**Дар боби дуюм** – «Вазъи муосир ва хусусиятҳои ташаккули фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳлил ва баррасии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; арзёбии ташаккули асосҳои институтсионалии рушди бахши хусусӣ; такмили заминаҳои

меъёрии ҳуқуқии фазои соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ ба рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба омӯзиш фаро гирифта шудааст.

Муаллиф дар рисолаи илмиаш қайд менамояд, ки барҳамхӯрии низоми нақшавии идоракунии иқтисодиёт, барҳамхӯрии робитаҳои тиҷоративу молиявии субъектҳои хоҷагидор дар оғози солҳои истиқлолият ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ доғи рӯз гардида буд. Бинобар он Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чолишҳои гуногун аз ҷумла суботи сиёсӣ, дастрасӣ ба сармоя ва рушди инфрасохтор рӯ ба рӯ гардид, ки бояд барои таъмини рушди устувор ҳал карда мешуданд. Ба андешаи муаллиф тамоюлҳои асосиеро дар кори илмии худ овардааст, ки феълан рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳад(с. 69).

Диссертант барои баррасӣ ва бартараф кардани кардани мушкилоти иқтисодӣ на танҳо дар дохили кишвар буда, балки Тоҷикистонро ба як бозори стратегӣ ҳадафи асосӣ барои сармоягузорони хориҷӣ ва сатҳи байналмилалӣ табдил медиҳад, инчунин тавсияҳои методиро коркард намудааст(с.70). Аз ин рӯ бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ дар Тоҷикистон як қисмати муҳимми рушди иқтисодии кишвар буда бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ бо нишондиҳандаҳои мусбат рушд мекунад, нишон дода шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки омӯзиши қисматҳои асосии дастгирии давлатии сармоягузорӣ тибқи қонуни мазкур ин расонидани кӯмакҳои молиявӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошад. Чунин кӯмакҳои молиявӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Хазинаи дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд амалӣ карда шаванд. Сармоягузории хазинаи зикргардида бо истифода аз воситаҳои пулии буҷети давлатӣ ва манбаъҳои дигари молиявӣ ташкил карда мешавад. Зеро мақсади асосии хазинаи мазкур муайян мешавад, ки пешниҳод намудани дастгирию кумакҳои молиявӣ ва барои субъектҳои

соҳибкорӣ муҳайё сохтани қарзҳои имтиёзнок бо имконияту шароити мусоид ба шумор меравад.

Дар тадқиқоти илмии унвонҷӯ (с.73) оид ба Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдатӣ миллӣ - Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр гардидааст, ки «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» соли 2021 чунин зикр карда шудааст, ки: «...дар замони истиқлолият аз ҷониби давлату Ҳукумат ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, то имрӯз ба соҳибкорону сармоягузорон зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод карда шуданд ва шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1, муҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3–5 рӯз кам карда, ба таври ройгон ба роҳ монда шуд». Бинобар он дар барои дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорон «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав пешниҳод карда шуд, ки дар он андозҳо аз 10 номгӯй то ба 7 номгӯй ихтисор карда шуда, инчунин, як қатор андозҳо меъёрашон паст карда шуданд, ки (диаграммаи 2.1) нишондиҳандаҳои муқоисавии меъёри маҷмӯи андоз аз даромад, бо фоиз муаллиф бо муроҷиат ба адабиёти соҳавӣ оиди ин масъала корҳои назаррасро анҷом додааст, ки барои ҳалли вазифаҳои дар пеш гузоштаи худ кумак менамояд. (с.73).

Дигар масъалаи муҳиме, ки дар доираи боби дуюми кор муаллиф мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст, ин ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зиёде арзи ҳастӣ доштанд, ки ҳалли таъҷилиро талаб кардааст. Сабабҳои объективии онҳо асосан ба шароити солҳои аввали истиқлолият, ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ, мухолифати қонуниятҳои иқтисоди нақшавӣ ва иқтисоди бозорӣ, набудани таҷрибаи кофии фаъолият дар шароити бозорӣ, ноустувории вазъи молиявию асъорӣ, хусусан кашолёбии ба муомилот баровардани пули

миллӣ. Муддати муайян арзи ҳастӣ кардани монополияи давлатӣ, содирот ва иҷборан табодул гардидани асъори хориҷӣ аз муомилоти савдои беруна ба асъори миллии ноустувор вобаста мебошанд. Таҳлил (ҷадвали 2.3 ва диаграммаи 2.3) нишон медиҳад, ки имкониятҳои афзалан экстенсивии рушди иқтисоди миллӣ аз ҳисоби хусусигардониву фаъолсозии иншооти истеҳсолии имконпазир дар марҳалаи анҷомёбӣ қарор дорад (с.84). Инчунин маълум аст, ки дар тӯли давраи гузариш аз иқтисоди фармонӣ ба иқтисоди бозорӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи умумии субъектҳои иқтисодӣ (хусусан хусусӣ) хеле афзоиш ёфтааст. Ин раванд ифодаи самаранокии фаъолияти хусусигардонӣ, рушди соҳибкорӣ ва беҳтаршавии шароити ҳуқуқии ташкил ва пешбурди бизнес мебошад. Афзоиши шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (ҷадвали 2.4) натиҷаи тадбирҳои дастгириҳои давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзии мамлакат мебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки равиши институтсионалӣ институтҳоро ҳамчун омилҳои асосии (фундаменталии) фаъолияти низоми иқтисодӣ муайян менамояд, ки онҳо сохтори қолибу ҳавасмандсозандаи ҳамкориҳои мутақобилаи инсониро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёту фаъолият ташаккул медиҳанд. Ӯ қайд менамояд, ки институтҳо қоидаҳои расмии дар намуди конститутсия, қонунҳо ва маҳдудиятҳои ғайрирасмии дар давраи рушди таърихӣ дар шакли анъана, урфу одат ва меъёрҳои ахлоқӣ ба вуҷудомадаро дарбар мегиранд (с. 95).

Унвонҷу дар рисолаи номзадии худ нишон додааст, ки дар натиҷаи фароҳамсозии фазои мутобиқ шароите бояд фароҳам гардад, ки барои соҳибкорони ватаниву хориҷӣ нисбат ба шароитҳои мавҷуда дар кишварҳои минтақа ҷолибтар бояд шавад. Аз ин лиҳоз, сармоягузориҳои бахши хусусӣ ба соҳаҳои иқтисодёти кишвар афзоиш ёфта, рақобатпазирии он таъмин мегардад.

**Дар боби сеюм** – «Самтҳои асосии таъмини фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаро гирифта шуда, ба масъалаҳои таҳияи консепсияи рушди соҳибкориву сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; моделсозии иқтисодию риёзии дурнамои нишонди ҳандаҳои макроиқтисодӣ дар робита бо рушди бахши хусусӣ; самтҳои афзалиятноки рушди фазои мусоиди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

Дар ин боби диссертатсия муаллиф тавассути моделсозии иқтисодию риёзии дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар робита бо рушди бахши хусусӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди фазои мусоиди фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳодҳои консепсептуалӣ оид ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст, баён доштааст.

Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки ҳалли якчанд камбудиву норасоиҳое, ки дар «Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015» пешбинӣ шудаанд, то ҳол ҳамчун масъалаҳои ҳалталаб ва муҳим боқӣ мондаанд. Ӯ нишон додааст, ки барои боз ҳам беҳтар кардани фазои мусоид ва рақобатпазир, яъне таъмини ҷолибияти иқтисоди миллӣ барои сармоягузорӣ ислоҳоти минбаъда ва усулҳои мукаммалсозӣ бояд идома шаванд(с. 125).

Мусаллам аст, ки ҳалли саривақтии мушкилоту масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, дар навбати худ, ба афзоиши истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ, ин чунин беҳтар шудани мувозинати пардохтӣ ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ мусоидат хоҳад кард. Инчунин баҳри боз ҳам беҳтар кардани фазои мусоид ва рақобатпазир, яъне таъмини ҷолибияти иқтисоди миллӣ барои сармоягузорӣ, ислоҳоти минбаъда ва усулҳои мукаммалсозӣ амалӣ карда шаванд. Дар ин асно, ба афзоиши истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо аз

ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ, беҳтар шудани мувозинати пардохтӣ ва эҷоди ҷойҳои нави корӣмусоидат хоҳад кард.

Қайд кардан зарур аст, ки бо мақсади рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва амалисозии ҳадафти саноатикунонии босуръати мамлакат (расми 3.6.) дар Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030 самтҳои зерини фароҳамсозии фазои муоид пешбинӣ шудааст (с. 138).

Дар боби 3, зерсаволи 2 қайд карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти анҷомдодашуда шумораи субъектҳои соҳибкорӣ (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ)-ро ҳамеша инкишоф дода, хусусан субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна дар соли 2015 ба 206 500 адад баробар буд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 328 000 адад расонида шуд. Дар натиҷаи пайдарпай зиёд шудани субъектҳои соҳибкорӣ ҳиссаи бахши хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба 70 фоиз, дар таъмини шуғли аҳолӣ ба 68 фоиз ва даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҷамоварии андозҳо ба 80 фоиз баробар мебошад. Ин бахш дар соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ қисмати азимтарро саҳмгузор мебошад(с.140). Ӯнвонҷӯ қайд менамояд, ки ислоҳоти амалишуда ва натиҷаҳои ноилшуда барои рушди субеъктҳои соҳибкорӣ, алалхусус  соҳибкории хурду миёна мусоидат намуд ва рушди бахши хусусӣ дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеа кумак намуда истодааст.

Диссертант дар кори илмии худ нишон додааст, ки дар шароити имрӯза аз имтиёзҳои андозии пешниҳодшаванда бештар бизнеси калон бархӯрдор гардида, соҳибкории хурду миёна бо таври максималӣ ҳамаи андозҳои мавҷударо пардохт менамоянд ё худ натиҷаҳои фаъолият ва шумораи кормандонро пурра нишон намедиҳанд. Зеро фазои муносибатҳо ба авҷи коррупсия дар мақомоти фискалӣ мусоидат карда, манфиатҳои иқтисоди миллӣ мадди назар мегарданд. (с.152). Чунки андешаи бисёре аз

мутахассисони дохиливу хориҷӣ паст кардани меъёрҳо ва фишору гаронии андоз омили рушди соҳибкорӣ ва ноилшавӣ ба рушди босуботу дарозмуддат мебошад. Аз таҳлилҳои унвонҷӯ бар меояд, ки рушди иқтисоди рақамӣ, рақамикунони пардохтҳо ва хизматрасониҳои молиявӣ ба сарфаи вақти соҳибкорон, инчунин ба рушди муносибатҳои молиявию маблағгузорӣ ва амалисозии саривақти пардохтҳо мусоидат мекунад.

**Дар қисмати хулосавӣ** тавсияҳо ва пешниҳодҳои асосӣ, ки натиҷаҳои таҳқиқотро ифода мекунанд, ҷамъбаст карда шудааст.

Дар интиҳои диссертатсияи илмӣ феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аз 201 номгӯй оварда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Бахши назариявию методологӣ ва методии таҳқиқоти илмӣ ба омӯзиши асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ ба рушди фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили нишондиҳандаҳои вазъи соҳибкорӣ, гурӯҳбандии омилҳои таъсиррасон ва муайян кардани ҷанбаҳои қавӣ ва заифи фазои соҳибкорӣ асос ёфтааст.

Дар диссертатсияи мазкур қайд гардидааст, ки бартарафсозии мушкилоту масъалаҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузориро фароҳам сохта, масъалаҳои мубрами рушди иқтисоди миллӣ тибқи қонуниятҳои иқтисоди бозорӣ ҳалли худро пайдо менамоянд.

Дар диссертатсия дар асоси таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф муқаррарот ва равишҳои нави назариявӣ оид ба таъминоти методии рушди шароитҳои иститутсионалӣ, хусусан сатҳи рушди фазои иҷтимоиву маъмурӣ, шароитҳои рақобатпазирӣ ва молиявӣ имкон медиҳанд, ки соҳибкорӣ босуръат тараққӣ намояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он аст**, ки бархе муқаррароти диссертатсия барои васеъ намудани ҷанбаҳои назариявию методии таҳқиқот ва равишҳои ҷадиди ташаккул ва рушди соҳибкориро ба уҳда дорад ва дигар сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ зимни таҳияи нақшаву барномаҳои рушди  соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли муаммоҳову мушкилоти рушди фаъолияти соҳибкорӣ васеъ истифода карда шаванд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ.** Таҳқиқоти илмии мазкур ҳамчун замина барои коркардҳои назариявию методологии минбаъда оид ба таҳқиқи фазои мусоиди соҳибкорӣ дар кишвар ва таъсири он ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ метавонад хизмат намояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 8,5 ҷ.ч. буда, аз инҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шӯрои диссертатсионӣ ва талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**Хулоса**

Ба андешаи мо, дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари бартариҳои зикршуда баъзе норасоиҳо ва камбудиҳои алоҳида ба назар мерасанд, ки номбар кардани онҳоро мо зарур мешуморем.

1. Кор бурд мекард агар муаллиф ба ғайр аз таҳлили назариявӣ дар таҳқиқоти амалӣ (пурсиш, таҳлили оморӣ, муқоисаи байналмилалӣ) мегузаронд ва хулосаҳои мушаххас пешниҳод мекард.

2. Хуб мешуд дар кори диссертатсионӣ робитаи байни омилҳо (андозбандӣ, дастрасӣ ба қарз, инфрасохтор, муҳити ҳуқуқӣ) ба таври низомӣ нишон медод.

3. Дар диссертатсия номи олимони хориҷӣ ва ватанӣ нишон дода шуда, аммо дар кори илмӣ аз таҳқиқотҳои онҳо маълумотҳо нокифоя оварда шудаанд.

4. Таҷрибаи кишварҳои дигар муқоиса ба ислоҳоти соҳибкорӣ дар Қазоқистон ва Гурҷистон метавонад таҳлилро ғанӣ гардонад ва тавсияҳо мушаххастар мешуданд.

5. Агар дар раванди таҳқиқот нишондиҳандаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла индекси Doing Bisiness, ки пештар аз ҷониби Word Bank нашр мешуд, мавриди таҳлил қарор мегирифт ва хулосабардорӣ мешуд.

6. Дараҷаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ тавассути пешниҳодҳои қарзҳои бонкӣ, грантҳои давлатӣ, татбиқи барномаҳои сармоягузорӣ, ҷудо гардидани қарзҳои субъектҳои соҳибкорӣ нокифоя мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

7. Дар рисола баъзе хатогиҳои ороишӣ ва ҷумлаҳои таҳрирталаб вомехӯранд.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти амалӣ ва назариявии рисолаи диссертатсионии унвонҷӯро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ бояд қайд намоем, ки диссертатсияи мазкур кори ба пуррагӣ анҷомдодашуда ҳисоб ёфта, навгониҳои илмиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферат ва корҳои нашркардаи муаллиф таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро таҷассум мекунанд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар татбиқи низоми баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ истифода бурда шаванд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович ба талаботҳои муқаррарнамудаи бандҳои 31, 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои ноил гаштан ба унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) сазовор дониста мешавад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**мудири кафедраи баҳисобгирии**
**бухгалтерии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Дадоматов Д.Н.**

**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи Хебитат, хонаи 5**
**Тел. (992) 92 856 66 65, E-mail: dalerdn@mail.ru**

**"____" __________________ соли 2026**

***Имзои д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н-ро тасдиқ мекунам:***

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Бобоев А.Х.**

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкрн. 17, хонаи 1
Тел.Факс: (992-3422) 2-51-70, E-mail: tsulbp@rambler.ru

**“____” ____________________ соли 2026**